# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
(Фармони Президенти ҶТ аз 25.01.2010 № 774)

Бо мақсади такмил ва танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, ба низом даровардан ва ихтисор намудани намудҳои фаъолияте, ки барои анҷомдиҳии онҳо додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ зарур аст ва татбиқи Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

1. Муқаррар карда шавад, ки ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи батанзимдарории фаъолияти соҳибкорӣ дар солҳои 2009-2010 буда, дар асоси принсипҳои шаффофияти расмиёти додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, паст кардани сатҳи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва муқаррар намудани талаботи ягона нисбати тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ анҷом дода мешавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- дар мӯҳлати ду моҳ Комиссия оид ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкориро таъсис дода, Низомномаи онро тасдиқ намояд;
- дар соли 2010, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи системаи иҷозатдиҳӣ"-ро таҳия ва ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд (Фармони Президенти ҶТ аз 25.01.2010 № 774);
- дар мӯҳлати нӯҳ моҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкориро бо мақсади мутобиқат намудани онҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав дида баромада, ҳангоми зарурат лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва Номгӯи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро тасдиқ намояд.

3. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам корҳои таблиғотиро оид ба татбиқи Фармони мазкур амалӣ намояд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,
7 марти соли 2009 № 633